***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ)***

Рисолаи илмии пешниҳоднамудаи Қодирӣ Назира Дадозода бо дарназардошти замони муосир ва тағйир ёфтани арзишҳои ахлоқии наврасон ба яке аз масъалаи муҳими илми психологияи иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки ин масъала на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон балки, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро бо рушди глобализатсия арзишҳо дигар мешаванд ва он хоҳ нохоҳ ба тарбияи наврасону ҷавонон таъсири худро мерасонад. Дар ин замина ниҳоди оила низ ба бӯҳронҳои гуногун дучор гардида, муҳити психолгии оила вайрон мешавад. Аз ин лиҳоз омӯзиши масъалаи муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон саривақтӣ ва актуалӣ маҳсуб меёбад. Диссертант Қодирӣ Назира Дадозода яке аз ниҳодҳои иҷтимоӣ – оиларо дар кори илмии худ пурра баррасӣ намуда, ҷиҳати шинохт ва ҳалли мушкилоти хонаводагӣ корҳои назаррасро анҷом додааст. Муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар тадқиқотҳои гузаронидаи соҳибрисола дидан мумкин аст, ки муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъсири худро мерасонад ва он ба таври амалӣ дар кор инъикос ёфтааст. Ин масъала барои рушди психологияи муосир аҳаммияти махсус дорад.

Албатта, дар психологияи муосир масъалаи муҳити солими оила дар рушди ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон баррасӣ мегардад. Аммо, кам дар кам вомехӯрад рисолаҳои илмие, ки вобастагии муносибатҳои хонаводаги ва таъсири он ба наврасон ба таври мушаххас инъикос ёфта бошад. Тавре, ки мо медонем ба илми психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди

соҳибистиқлолиро ба даст овардан даҳсолаи охир аҳамияти махсус зоҳир мекардаги шуд. Аз ин лиҳоз, мавзӯи рисола хело бомаврид ва арзиши илмӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки дигаргуншавии ҷомеа арзишҳои навро дар институтҳои иҷтимоӣ бавуҷуд оварда истодааст. Дар ин раванд косташавии арзишҳоро дидан мумкин мебошад. Омӯзиш ва таҳқиқи ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон ва таъсири оила ба ин раванд барои бунёди давлати миллӣ низ саҳмгузор хоҳад шуд. Зеро оила яке аз институтҳои асосие мебошад, ки бидуни он ташкили ҷомеаи намунавӣ ғайриимкон аст.

Дар асри XXI, ки асри техникаву технология маҳсуб меёбад рушди омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон нақши калиди дорад. Агар наврас дар муҳити созгор тарбия нагирад оқибатҳои нохушро метавонад ба бор оварад. Чун ҳиссиёт ҳолати нозуки инсон аст ба назар гирифтани ҳамаи омилҳо ба манфиати кор мебошад.

Ҷоизи қайд аст, ки мавзуи тадқиқот на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ муҳим аст. Нақши амалии кори илмӣ дар он аст, ки дар оянда натиҷаҳои ба даст омадаи кор барои таҳияи тавсияҳои методӣ ба хонаводаҳо, омӯзгорон, психологони ҷавон метавонад истифода шавад.

Диссертант Қодирӣ Назира Дадозода дар тадқиқоти худ аз усулҳои муосири математикӣ-статистикӣ истифода бурда, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро бо забони илмии фаҳмо пешниҳод кардааст. Навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштани рисола аз дараҷаи хуби кори иҷрошуда дарак медиҳад.

Инчунин натиҷаи пурраи таҳқиқот дар хулосаи умумии он пешниҳод гардидааст. Сохтори афтореферати диссертатсия, мазмун ва муҳтавои боб, зербобҳо ва хулосаи кор ба талабот ҷавобгӯ ва кори илмии анҷомёфта ном бурдан мумкин аст.

Бовуҷуди кори хуби илмӣ будани рисола, баъзе камбудиҳои ночизро дар автореферати диссертатсия дидан мумкин аст, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Афтореферати диссертатсия базе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дорад, ки ислоҳи онро зарур мешуморам.

2. Тестҳое, ки дар таҳқиқоти илмӣ истифода шудааст хело ҷолиб ва аҳамиятбаш мебошад, ки агар он ба таври маводи методӣ аз чоп мебаромад ба манфиати кор буд.

3. Дар оянда тавсия медиҳем, ки таҳқиқоти психологиро дар муқоиса бо дигар кишварҳо, масалан, Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронидан мумкин аст, ки арзиши илмиаш боз ҳам баландтар мегардад.

Дар маҷмӯъ, рисолаи илмие, ки аз ҷониби диссертант Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи “Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) пешниҳод шудааст, бо сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст) пурра мутобиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** **Қодиров Обид Сафарович доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов**

O. Kodirov ning imzosini tasdiqlayman Sharof Rashidov nomidagi SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

*Имзои О.С. Қодировро тасдиқ мекунам:*
Сардори ШК ва КМ Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **И. Буриев**

13.11.2025 v.v.b

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI XODIMLAR BO'LIMI

**Суроға:** 140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд,
ш. Самарқанд, хиёбони Донишгоҳӣ, 15.
Тел.: +998-66-240-38-40
E-mail: devonxona@samdu.uz